# Тақриз

**ба автореферати диссертатсияи унвончӯ Зулфониён Раҳим Раҷабзода «Таҳқиқи луғавию маъноӣ ва сохтории номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакент» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ .- Душанбе, 2023.- 28 с.**

Забону фарҳанги ҳар минтақае оинаи тамаддуни он маҳсуб меёбад. Тамаддуни миллату халқе баёнгари суннати мардумист. Суннати мардумӣ бо роҳу усули гуногун роиҷи ҷомеа мегардад, ки маҳаллу макон ва номи онҳо аз ҷумлаи нигаҳдорандаи ин анъанаи ниёгоист. Ба ҳар маҳаллу макон мардум номеро муносиб медонанд, ки маъмулан ифодагари хусусиятҳои он аст ва пажӯҳиши ин вежагиҳо аз бисёр ҷиҳат зарур аст. Аз ин ҷост, ки унвончӯ Зулфониён Р. Р. ба чунин иқдом камар баста, мақсад гузоштааст, унсурҳои хосаи луғавию маъноӣ ва сохтории номи маҳалҳои ҳавзаи Панҷакенти бостониро мавриди омӯзиши худ қарор диҳад.

Диссертатсияи Зулфониён Р. Р. аз муқаддима, се боб, 20 фаслу зерфасл, хулоса, феҳрасти адабиёти истифодашуда ва ихтисорот иборат аст.

Муқаддимаи диссертатсия ҳама бандҳои муқарраррариро шомил буда, дар он муаллиф мубрамию аҳаммияти корро асоснок намуда, навоварии илмии таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқотро равшан гардонида, муқаррароти асосии барои дифоъ пешниҳодшаванда, усулҳои таҳқиқот ва манбаъҳои маводи воқеии диссертатсияро нишон додааст.

Боби аввали рисола **«Таҳқиқи луғавию маъноии топонимҳои минтақаи Панҷакент»** унвон гирифта, дар 14 фасли он унвончӯ ойконимҳо, оронимҳо, гидронимҳо, антропонимҳо, теонимҳо, зоотопонимҳо, фитонимҳо, некронимҳо, омофонҳо, метонимҳо, колоронимҳо, этнотопонимҳои минтақаро ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Чаҳор фасли боби дувум **«Дарачаи омӯзиши микротпонимҳои минтақаи Панҷакент»** ба таҳқиқи луғавию решашиносии номвожаҳои Панҷакент, Ғарибак, Ғӯсар, Зимтут, Киштуд ва ғ. оид буда, муаллиф дар асоси андешаҳои пешини олимон хулосаҳои худро манзур доштааст. Ӯ таъкид кардааст, ки асоси номвожаҳои мазкур ва ҳамгунҳои онҳоро унсурҳои луғавии суғдӣ ташкил дода, дар номгирии маҳаллу мавзеъ, дараву дарёи ин ҳавза суғдвожаҳо мақоми бориз доранд. Муаллифи рисола қайд мекунад, ки ҳамагӣ 881 номвожаи ҷуғрофӣ, аз ҷумла, 355 ойконим (1 шаҳр, – Панҷакент, 14 ҷамоати деҳот, 144 деҳа, 116 маҳалла, хонаи тобистона, 2 хонаи зимистона, 74 кӯча), 239 ороним; 4 қаторкӯҳ, 9 қулла, 12 кӯҳҳо, 105 кӯҳ, 12 ағба, 5 обканда, 68 мавзеъ, 24 чарогоҳ), 194гидроним (1 пирях, 112 дарѐ, 3 наҳр. 20 кӯл, 3 ҳавз, 40 чашма, (боз беш аз даҳҳо чашмаҳо беноманд), 12 ҷӯйбор, 3 ҷӯй), 33 сой, 12 маҷрои хушк, ҳамчунин, 8 хароба, 2 қабр, 3 мазорот, 12 гӯристон, 15 пул 8 мавзеи таърихии бостоншиносӣ дар минтақаи Панҷакент мавриди таҳлилу омӯзиш қарор мегирад[Автореф., с. 15].

Боби сеюми диссертатсия **«Таҳлили сохтории номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакент»** номгузорӣ шуда, фарогири 4 фасл аст. Дар фасли аввали боби сеюм «Масоили омӯзиши сохтори номвожаҳои Панҷакент» дар фасли дувуми он таҳлили сохтории топонимҳои эрониасос, ташаккули топонимҳои тоҷикиасос, топонимҳои сода, сохта ва мураккаб, топоним-ибораҳои тоҷикӣ; дар фасли сеюм топонимҳои иқтибосиву омехта ва дар фасли чаҳорум топонимҳои ҷамъбандигирифта баррасӣ гардидаанд.

Хулосаи кор аз 23 банди ҷамъбастӣ, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои диссертатсия аз 8 банд иборат аст.

Таълифоти муаллиф ҳамагӣ 12 адад, аз ҷумла 5 адад дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мазмун ва муҳтавои асосии диссертатсияро ифода мекунанд.

Унвонҷӯ Зулфониён Р. Р. пажуҳиши хуберо анҷом додааст, вале дар раванди ошноӣ бо автореферати диссертатсияи мазкур баъзе

норасоиҳо низ ба назар расиданд, ки иброзашон барои фаъолияти минбаъдаи муҳаққиқ судманд менамояд:

1. Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ умумӣ сурат гирифтааст(Ҳамагӣ 14 сатр).
2. Дар корбасти истилоҳот ягонагӣ риоя нашудааст: номвожаҳо-топонимҳо, ҷойномҳо, микротопонимҳо, решашинохтӣ, решашиносӣ, этимология ва ғ.
3. Хулосаи рисоларо мухтасар кардан ба манфиати кор мешуд.
4. Норасоиҳои таҳрирӣ, имлоиву китобатӣ ва техникӣ ба назар расиданд(с.4, 5, 8,10, 12, 16, 22 ва ғ. ).

Бояд қайд кард, ки эроду дархостҳои мазкур ислоҳпазир буда, арзиши илмии диссертатсияро кам намекунанд.

Бинобар он бо дарназардошти нуктаҳои илмии диссертатсияи мавриди тақриз метавон гуфт, ки он таҳқиқоти комилан анҷомёфта буда, ба талаботи Низомномаи намунавии КОА ҶТ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30- июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ аст. Муаллифи диссертатсия Зулфониён Раҳим Раҷабзода сазовори ба ӯ дода шудани дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01- Забони тоҷикӣ мебошад.

**Муқарриз:**
**доктори илми филология, профессори**
**кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи**
**давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**
**Шокириён Туғрал Сироҷзода**
***Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд***
Суроғаи электронӣ: E-mail: shokirov1953@mail. ru
Телефон: (+992) 92 634 51 00

Имзои д. и. филол.. профессор Т. С. Шокириёнро тасдиқ менамоям.

**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДҲБСТ** **Мирпоччоев И. Ҳ.**
«08» декабри соли 2023